# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Юсуфзода Фаридун Асадулло дар мавзуи: «Проблемаҳои институти доғи судӣ дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикиситон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 6D030300–Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301–ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) (ш. Душанбе, 2026 сол)**

Мутобиқи қисми 1 м.84 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон шахс доғи судӣ дошта эътироф карда мешавад, аз рӯзи эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми айбдоркунӣ, ки бо он ҷазо таъин карда шудааст ва то рӯзи барҳам хӯрдан ё бардоштани доғи судӣ.

Доғи судӣ, пеш аз ҳама, бо шахсияти инсон ва мақоми ҳуқуқию иҷтимоии ӯ алоқаманд буда, дар бисёр ҳолатҳо мавқеъ ва нақши ӯро дар ҷомеа муайян менамояд. Ин ҳолат, дар навбати худ, зарурати таваҷҷуҳи бештарро ба масъалаи моҳияти ҳуқуқӣ ва табиати иҷтимоии доғи судӣ ба миён меорад, зеро оқибатҳои манфии аз он ба вуҷудоянда дар ҳаёти шахси мушаххас аҳаммияти ҳалкунанда доранд.

Доғи судӣ бевосита бо иҷрои ҷазо ва мутобиқшавии минбаъдаи шахсони маҳкумшуда дар ҷомеа алоқаманд мебошад. Ин масъала хусусияти мураккаб ва гуногунҷанба дошта, маҷмӯи масъалаҳои ахлоқӣ, равонӣ ва амалии марбут ба раванди одаткунонии иҷтимоии шахсро дар бар мегирад.

Яке аз вазифаҳои асосии институти доғи судӣ истифодаи он ҳамчун воситаи мубориза бар зидди ҷинояткории ретсидивӣ мебошад. Дар шароити муосир низ доғи судӣ аҳаммияти худро нигоҳ дошта, бо сабаби хусусияти комплексии худ дар соҳаҳои гуногӯни ҳуқуқ инъикос меёбад.

Институти доғи судӣ инчунин дар ҳифзи асосҳои сохти конститутсионӣ ва тамомияти арзии давлат, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон нақши муҳим мебозад. Гуногун будани вазифаҳои доғи судӣ ҳамчун падидаи дорои хусусияти ҳам ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳам умумиҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки он як зуҳуроти мураккаби ҳуқуқӣ буда, моҳият ва таъиноти он то имрӯз ба таври пурра ошкор нашудааст.

Бо назардошти ин, муаллифи диссертатсия дар таҳқиқоти худ ба доираи васеи манбаъҳои назариявӣ ва эмпирикӣ такя намуда, масъалаҳои марбут ба институти доғи судиро дар асоси таҳлили амиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунӣ мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар кори мазкур адабиёти

илмии ватанӣ ва хориҷӣ вобаста ба мавзуи таҳқиқ бодиққат омӯхта шуда, дараҷаи коркарди илмии масъала ба таври асоснок муайян гардидааст.

Яке аз дастовардҳои муҳими муаллиф таҳияи пешниҳодҳои амалӣ ҷиҳати такмили меъёрҳои ҳуқуқии марбут ба институти доғи судӣ, аз ҷумла муқаррароти вобаста ба оқибатҳои ҳуқуқӣ, барҳам хӯрдан ва бардоштани доғи судӣ мебошад. Хусусан пешниҳоди муаллиф дар бораи "дар қонунҳои минбаъдаи авф муқаррароти «Татбиқи Қонуни мазкур доғи судии шахсро намебардорад» бардошта шаваду, имконияти бекор шудани доғи судӣ нисбати категорияи муайяни ашхос муқаррар гардад" (саҳ.13) ҷолиби диққат мебошад.

Дар маҷмуъ, мазмуни автореферати диссертатсия, хулосаҳо ва муқаррароти илмии дар он пешниҳодшуда шаҳодат медиҳанд, ки вазифаҳои таҳқиқот ҳал гардида, мақсади гузошташуда аз ҷониби муаллиф ноил шудааст. Таҳқиқоти диссертатсионӣ барои рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ аҳаммияти назаррас дошта, пешниҳодҳои муаллиф метавонанд дар фаъолияти қонунэҷодкунӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Бо қайд намудани сатҳи баланди илмӣ ва хусусияти ҷустуҷӯиву таҳқиқотии кори диссертатсионӣ, зарур аст ба баъзе эродҳо нисбат ба кори мавриди тақриз ишора намуд:

Муаллиф қайд менамояд, ки андешаҳои олимони гуногуни ватанию хориҷӣ оид ба мафҳуми доғи судӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, ҳеҷ кадоме аз онҳо ҳамчун таърифи идеалӣ пазируфта намешаванд ва дар ин замина таърифи муаллифии худро пешниҳод менамояд (саҳ.20). Аз муаллиф фаҳмидан мехостем, ки таърифи пешниҳоднамудаи ӯ аз таърифҳои қаблан пешниҳоднамудаи олимони дигар бо кадом хусусиятҳои фарққунанда ва афзалиятҳои назариявӣ ё амалии худ ҷудо мешавад. Ҳамзамон, савол ба миён меояд, ки оё чунин таъриф метавонад ҳамчун таърифи мукаммал ва идеалии доғи судӣ арзёбӣ гардад.

Таҳлили умумии автореферат имкон медиҳад, ки ба чунин хулоса омад: диссертатсияи Юсуфзода Фаридун Асадулло дар мавзуи «Проблемаҳои институти доғи судӣ дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикиситон» таҳқиқоти мустақилона, анҷомёфта ва ба масъалаҳои мубрами ҳуқуқи ҷиноятӣ бахшидашуда мебошад. Кори мазкур дорои дараҷаи кофии навгонии илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалӣ мебошад.

Эродҳои зикршуда ба хулосаи умумӣ оид ба сатҳи баланди илмии таҳқиқ таъсири манфӣ намерасонанд ва арзёбии мусбати онро коҳиш намедиҳанд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Аз ин лиҳоз, муаллифи он – Юсуфзода Фаридун Асадулло сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030300 – фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) дониста мешавад.

**Тақриздиҳанда:**

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири
кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқшиносии
муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи
(Славянии) Россия ва Тоҷикистон **Аминова Ф.М.**

**Суроғаи тақриздиҳанда:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, кӯч. Н. Махсум, 85/1
Тел. 227-39-86; E-mail: farida.aminova.2016@mail.ru

**Имзои Ф.М. Аминоваро тасдиқ менамоям:**
Сардори Раёсати кадрҳои муассисаи
байнидавлатии таҳсилоти олии Донишгоҳи
(Славянии) Россия ва Тоҷикистон **Исмоилова М.Н.**

**Суроғаи муассиса:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯч. М. Турсунзода, 30
Тел. (+992 237) 221-35-50; Факс.: (+992 237) 221-05-70
E-mail: p.rektora@mail.ru
www.rtsu.tj.ru

«31» марти соли 2026